**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**РАИСИ ВИЛОЯТИ СУҒД**
**ҚАРОР**

ш.Хуҷанд

аз «17» январи соли 2017 №15

Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили вилояти Суғд дар соли 2020

Мутобиқи моддаҳои 19 ва 20 Қонуки конститутсионии Ҷумхурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ», қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2016, №511 «Дар бораи чораҳои иловагӣ оид ба гузаронидани барӯйхатгарии аҳолӣ ва фонди манзили Ҷумхурии Тоҷикистон дар соли 2020», бо мақсади муташаккилона, босифат ва сари вақт гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзили вилояти Суғд дар соли 2020, қ а р о р м е к у н а м:

1. Бо мақсади ташкил ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар соли 2020 ба раисони шаҳру ноҳияҳои вилоят супориш дода шавад, ки:

- то 1 апрели соли 2019 номгӯи шаҳру ноҳияҳо, ҷамоатҳои деҳоту шаҳракҳо, маҳалҳои шаҳрӣ ва сарҳадҳои онҳоро аниқ намоянд, номи кӯчаҳо, рақами хонаҳо ва манзилҳои маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳаҳои калонро ба тартиб даровабарда, лавҳаю рақам гузоранд;

- то 1 июли соли 2019 нақшаи схематикии маҳалҳои шаҳрӣ, деҳаҳои калон ва харитаҳои ноҳияҳоро дар ҳамкорӣ ва мувофиқа бо Кумитаи идораи замини вилоят тартиб дода, ба Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд пешниҳод намоянд;

- то 1 сентябри соли 2019 бо роҳи саросар гаштан дурустӣ ва пуррагии баҳисобгирии ҷории аҳолиеро, ки дар хонаҳои истиқоматӣ ва дигар биноҳои маҳалҳои шаҳрӣ ва деҳот зиндагӣ мекунанд, тафтиш намуда, тартиб додани рӯйхати деҳаҳоро дар асоси маълумоти муқоисашудаи дафтарҳои хоҷагидорӣ таъмин намоян.

2. Намояндагии Корхонаи воҳиди давлатии «Хоҷагии манзилию коммуналӣ» вазифадор карда шавад, ки ҷиҳати ба тартиб даровардани номи кӯчаҳо, рақами маҳаллаҳо, хонаҳои истиқоматӣ ва манзилҳои дар қаламрави вилояти Суғд ба мақомоти иҷроаи ҳокимияти давлатӣ кумак расонад.

3. Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии

вилоят кӯмак расонида, ҷараёни дуруст ва пурра ба ҳисоб гирифтани аҳолиро дар маҳалаҳои шаҳру ноҳияҳо назорат намоед.

4. Шуъбаи меъморӣ ва шаҳрсозии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва Кумитаи идораи замини вилоят дар таёр намудани маводи нақшаю харитасозӣ ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят мусоидат намоянд.

5. Шуъбаи иттилоотию таҳлилии дастгоҳи Раиси вилоят, Раёсати фарҳанги вилоят, идораи телевизион ва радио вилоят, рӯзномаҳои вилоятии «Ҳақиқати Суғд», «Согдийская правда», «Суғд ҳақиқати» оид ба инъикоси ҷараёни тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил дар воситаҳои ахбори омма мусоидат намоянд.

6. Филиали Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Тоҷиктелеком»-и минтақаи 10 шаҳри Хуҷанд дар давраи солҳои 2017-2023 гуфтугӯи телефонии байнишаҳрии вобаста ба тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил, инчунин коркарди маводи ҷамъбастии онро ба категорияи гуфтугӯҳои рамзӣ мансуб դониста, аз рӯи тарифи муқаррари ҳисоб кунад.

7. Раёсати минтақаи суғдии Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» мунтазам қабул ва ба масъулон расонидани борҳоеро, ки барои тайёрӣ ва гузаронидани барӯйхатгирии аҳолӣ ва фонди манзил фиристода мешаванд, таъмин намояд.

8. Комиссариати ҳарбии вилоят, Раёсати Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, Раёсати адлияи вилояти, Раёсати Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, ситод оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилояти Суғд, қисми ҳарбии 051056 Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар раёсату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳое, ки контингенти махсус ва иншоотҳои пӯшида доранд тайёри дида, барӯйхатгирии хизматчиёни ҳарбӣ ва контингенти махсуси аҳолиро тибқи тартиб ва муҳлати муқаррарнамудаи Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят таъмин намоянд.

9. Назорати иҷрои қарори мазкурро ба зимаи худ мегузорам.

Раиси вилоят Абдураҳмон Қодирӣ